**Ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 30 апрели соли 2011,**
**№ 234 тасдиқ шудааст.**

# ҚОИДАҲОИ
## истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муқаддима

Қоидаҳои мазкури истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Қоидаҳо) мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои ба танзим даровардани муносибатҳои байни корхонаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳамаи истеъмолкунандагон дар маҳалҳои аҳолинишин, новобаста аз шакли моликият ва мансубияти идориашон ба хизмат мерасонанд, пешбинӣ шудаанд.

1. Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳо истифода мегарданд

1) Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:

Муштарӣ – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ дорад аз хизматрасониҳои корхонаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия тибқи шартномаи басташуда истифода бурда, таҷҳизот ва иншооте дорад, ки бевосита ба шабакаи берунии обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалли аҳолинишин пайваст мебошанд.

Таҷҳизот ва иншооти пайвастшавӣ барои муштарӣ – қитъаи хатти об бо иншооту таҷҳизоти дар он ҷойгиршуда, ки шабакаҳои берунӣро бо шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи дохили бино, ҳавлӣ, маҳалла ва дохили майдончаи муштарӣ пайваст менамояд.

Таъмини оби нӯшокӣ – фаъолияте, ки ба таъмини талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ равона карда шудааст.

Меъёрҳои истеъмоли оби нӯшокӣ – миқдори ба ҳисоб гирифташудаи оби нӯшокӣ, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти физиологӣ ва маишии як нафар дар давоми як шабонарӯз дар маҳаллаи мушаххас, иншооти алоҳида, ҳангоми мӯътадил кор кардани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, дар ҳолати вайрон шудани кори мӯътадили онҳо ва дар ҳолатҳои фавқулодда зарур мебошад.

Таҷҳизот ва иншооти обтаъминкунии муштарӣ барои пайвастшавӣ – қитъаи хатти об аз ғалақаи маҳкамкунӣ дар чоҳи (камераи) шабакаи беруникӯчагии обтаъминкунӣ, то худи гиреҳи баҳисобгирии оби муштарӣ.

Обтаъминкунӣ – маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таъмини оби нӯшокии маҳалҳои аҳолинишин ва иншооти алоҳида ба миқдори талабшаванда ва

сифати муайян бо гирифтани он аз сарчашма, иншооти хоҷагии об ё хатти обтаъминкунӣ.

Мувозинаи хоҷагидории об – муқоисакунии талабот ба об бо захираҳои мавҷудаи об, таносуби байни ҳаҷмҳои оби истифодашаванда ва оби баровардашаванда дар мӯҳлатҳои муайян.

Таҷҳизот ва иншооти канализатсионии муштарӣ барои пайвастшавӣ – қитъаи қубур аз чоҳи охирин (назоратӣ) ба самти ҷоришавии об дар шабакаи канализатсионии дохили бино, ҳавлӣ ё майдончаи муштарӣ то чоҳи (камераи) шабакаи канализатсияи кӯчагӣ.

Шабакаи берунии обтаъминкунии (канализатсионии) системаҳои обтаъминкунӣ (канализатсия) – маҷмӯи иншоот, таҷҳизот ва воситаҳои обтаъминкунии (канализатсионии) зеризаминӣ ва рӯизаминии маҳалҳои аҳолинишин, ба ғайр аз шабакаҳои обтаъминкунии (канализатсионии) дохили бино, завод, ҳавлӣ, майдонча, маҳалла ва иншоот.

Иқтидори обгузаронии иншоот ё таҷҳизоти пайвастшаванда – ҳаҷми оби нӯшокие (партовоб), ки дар мӯҳлати муайян ба воситаи қитъаи қубури пайвасткунандаи шабакаи дохилию берунии обтаъминкунӣ ва канализатсия мегузарад, ба ҳисоб меравад. Бо метри мукааб дар як шабонарӯз, метри мукааб дар як моҳ, метри мукааб дар як сол чен карда шуда, аз қутри қубур, фишор ва суръати ҷоришавии об вобаста аст.

Системаи обтаъминкунӣ (хатти об) – маҷмӯи иншооти муҳандисӣ барои тақсим, коркард, интиқол ва таъмини об ба муштариёни маҳалҳои аҳолинишин ё иншооти ҷудогона дар ҳаҷмҳои талабшаванда ва сифати мувофиқаткунанда мебошад.

Системаи канализатсия - маҷмӯи иншооти муҳандисӣ барои ҷамъ намудан ва аз ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин ё иншооти ҷудогона баровардани партовобҳо, инчунин то талаботи муқарраршуда тоза намудан ва безарар гардонидани партовобҳо ва такшинҳои онҳо пеш аз истифодабарӣ ё ба иншооти обӣ – иншооти қабули партовобҳои тозагардонидашуда баровардани онҳо.

Иншооти обтақсимкунии кӯчагӣ (колонкаи обтақсимкунӣ ва ғайраҳо) – таҷҳизот барои бевосита аз шабакаи берунии обтаъминкунии кӯчагӣ гирифтани об.

Партовобҳои саноатӣ – обҳое, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ дар ҳамаи соҳаҳои саноатӣ истифода бурда мешаванд, аз ҷумла дар корхонаҳои агросаноатӣ, хизматрасонии коммуналию маишӣ, саноати маҳаллӣ ва хӯрокворӣ, ки дар раванди истифода дар истеҳсолот таркиб, хусусият ва меъёрҳои ибтидоии физикӣ, химиявӣ ва биологиашон тағйир ёфтааст.

Худсарона пайвастшавӣ ба системаҳои амалкунандаи обтаъминкунӣ ва канализатсия – пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, ки бе иҷозат ва маълумоти корхона, то бо санад супоридани таҷҳизоти пайвастшаванда, гузаштани мӯҳлати иҷозат барои истифодабарӣ, инчунин ҳангоми мавҷуд набудан ё саривақт набастани шартнома барои таъмини оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо, амалӣ шудааст.

Худсарона сохтани таҷҳизот ва иншоот барои пайвастшавӣ – таҷҳизот ва иншооте, ки бе лоиҳа, ё бо лоиҳаи мӯҳлати шартҳои техникиаш гузашта, ки бо корхона мувофиқа нашуда, сохта шудааст (таҷдид шудааст), инчунин азнавтаҷҳизонии гиреҳи баҳисобгирии об, иваз намудан ё канда гирифтани таҷҳизоти баҳисобгирии об бе мувофиқа бо корхона.

Худсарона истифодабарии таҷҳизот ва иншооти пайвастшавӣ – истифода намудан аз таҷҳизоти номбаршуда, бидуни мавҷуд будани иҷозатномаи корхона: то супурдани онҳо бо санади истифодабарӣ, ҳангоми гузаштани мӯҳлати иҷозатномаи барои истифодабарӣ додашуда, инчунин дар ҳолати мавҷуд набудан ё саривақт набастани шартнома барои таъмини оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо.

Гиреҳи баҳисобгирии об – ҳисобкунак (болдор ё турбинӣ), ғалақаҳо, хатти гирдогирд, агар талаб карда шавад, обполо (филтр).

## 2. Муқаррароти умумӣ

2) Қоидаҳои мазкур муносибатҳои байни муштариён ва корхонаҳои ба истифодабарии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳаллаҳои аҳолинишин машғулбударо (минбаъд – корхона) дар самти хизматрасонӣ оид ба таъмини об ва канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин ба танзим медарорад.

3) Қоидаҳо ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ба истифодаи системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия тибқи шартҳое, ки дар шартнома бо корхона пешбинӣ шудаанд, пешбинӣ намуда, ҳамзамон бехатарии ҳаёт ва саломатии онҳо, гирифтани маълумот дар бораи хизматрасонии корхона ва иҷрокунандагони онҳоро таъмин менамояд, тартиби пайвастшавии иншоот ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия, васл ва истифодаи таҷҳизоти баҳисобгирии об ва ҳисоби он, пардохти маблағ барои истифодаи оби нӯшокӣ ва канализатсия, инчунин ӯҳдадориҳои тарафҳо, кафолат ва масъулияти молу мулкии онҳо ва механизми татбиқи ҳуқуқҳои номбаршуда ва талаботи дахлдорро муайян мекунад.

4) Қоидаҳо дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, барои корхонаҳое, ки дар ин самт хизмат мерасонанд, инчунин барои ҳамаи муштариён ҳатмӣ мебошанд.

5) Муштарӣ - шахсони ҳуқуқӣ, ки новобаста аз мансубияти идорӣ, шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқиашон, инчунин ташкилотҳое, ки дар моликияташон (идораи хоҷагидории асосёфтаашон) ё идоракунии оперативии худ фонди манзил ва обьектҳои инфрасохтори муҳандисӣ доранд; ташкилотҳое, ки ба расонидани хизматрасониҳои коммуналӣ ба аҳолӣ ваколатдоранд; ҷамъиятҳо ва дигар иттиҳодияҳои соҳибмулкон, ки ба онҳо ҳуқуқи идоракунии фонди манзилӣ дода шудааст, ба ҳисоб мераванд.

Муштарӣ метавонад шахси воқеӣ бошад: - сокиноне, ки дар фонди манзилии давлатӣ (идоравӣ), маҳаллӣ ва ҷамъиятӣ, ё дар хонаҳое зиндагӣ мекунанд, ки он молу мулки шахсии онҳо ҳисоб меёбад ва бевосита ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи нуқтаҳои

аҳолинишин пайваст буда, бо корхона шартнома бастааст ва тибқи Қоидаҳои мазкур масъулият ба зимма дорад.

6) Муштарии фаръӣ (субабонент) шахси воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки тибқи талаботи банди 5) Қоидаҳои мазкур, аз шабакаҳои обтаъминкунӣ об гирифта, партовобҳоро ба шабакаи канализатсияи муштарии Корхона мепартояд.

7) Оби босифати нӯшокӣ аз системаи обтаъминкунии маҳалҳои аҳолинишин (минбаъд – «оби нӯшокӣ») дар асоси шартномаи байни корхона ва муштарӣ басташуда, пеш аз ҳама барои нӯшидан, қонеъ гардонидани талаботи табиию маишии аҳолӣ ва талаботи технологии муштариён, инчунин барои сӯхторнишонӣ, дода мешавад.

8) Системаи канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин барои қабул, баровардан ва тоза кардани партовобҳои маишӣ пешбинӣ шудааст. Қабули партовобҳои истеҳсолӣ ба системаи канализатсионӣ бо иҷозати корхона, бо дарназардошти ҳаҷми лоиҳавии иншооти партовобтозакунӣ ва аз ҷониби муштариён ҳатман иҷро гардидани қоидаҳои амалкунанда ва шартҳои техникии қабули партовобҳои муштариён ба системаи канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин, роҳ дода мешавад.

9) Додани об ва қабули партовобҳои муштариён танҳо дар ҳолати мавҷудияти шартнома, ки байни корхона ва муштариён баста шудааст, амалӣ мегардад. Дар шартномае, ки байни муштариёни ғайримаишӣ ва корхона баста мешавад, бояд ҳисоби мувозинавии хоҷагидории об, ки дар он миқдор ва сифати оби зарурии муштарӣ, нақшаҳои сохтории шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, инчунин нақшаи чорабиниҳои ташкилию техникӣ доир ба кам кардани ҳаҷми истифодаи об ва канализатсия, риояи меъёрҳои баровардани моводи ғализ, бо нишондоди мӯҳлатҳои амалӣ намудани чорабиниҳо, ному насаби шахси мутасаддӣ барои иҷрои он ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ, замима карда шаванд.

10) Сарҳади масъулияти истифодабарӣ байни корхона ва муштарӣ барои нигоҳдошти ҳолати техникӣ ва хизматрасонии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, иншоот ва таҷҳизот аз рӯи мансубияти мувозинавии онҳо муайян карда мешавад.

11) Байни истеъмолкунандагон ва корхона чунин сарҳади масъулияти истифодабарии (ҳолат, хизматрасонӣ, мансубияти мувозинавии) шабакаҳо ва иншоот муқаррар карда мешавад:

- шабакаи обтаъминкунии муштариён (аз ҷумла биноҳои истиқоматӣ, марказҳои барқу гармидиҳӣ, дегхонаҳо) аз ҷойи пайвастшавӣ ба шабакаи коммуналии обтаъминкунӣ (аз ғалақаи маҳкамкунӣ дар чоҳи шабакаи коммуналӣ) дар мувозинаи муштариён буда, аз тарафи онҳо истифода бурда мешаванд;

- сарҳади масъулияти истифодабарии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва таҷҳизот дар биноҳои истиқоматии давлатӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо дарназардошти сарчашмаи маблағгузорӣ, муайян карда мешавад;

- пайвастшавӣ ба системаи коммуналии канализатсия (шохаи пайвастшавӣ), аз чоҳи назоратии канализатсионӣ, дар мувозинаи муштариён буда, аз ҷониби онҳо истифода бурда мешавад;

- шабакаҳои дохилибиноии обтаъминкунӣ ва канализатсия, таҷҳизот, аз ҷумла гиреҳи баҳисобгирии об бо ғалақаи сӯхторнишонии дар он ҷойгиршуда, бароришҳои канализатсионӣ то ҷои пайвастшавии онҳо ба шабакаҳои канализатсионии коммуналӣ (то чоҳи назоратӣ), инчунин шабакаҳои дохилимайдончавии обтаъминкунӣ ва канализатсия, иншоот ва таҷҳизоти корхонаву ташкилотҳои истеҳсолӣ, дегхонаҳо дар мувозинаи муштариённ буда, аз тарафи онҳо истифода бурда мешаванд.

12) Муштарӣ бо талаб ё иҷозати хаттии корхона, дар ҳолати мавҷуд будани шароити техникии аз ҷониби корхона муқарраршуда, барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи дар ихтиёри хоҷагидорӣ ва хизматрасонии муштарӣ буда, ба иншоот ва таҷҳизоти дигар муштариён (зермуштариён), бо шарти ҷудо намудани сарҳади хизматрасонии техникӣ байни муштариён ва зермуштариён, иҷозат медиҳад.

13) Муштариёни фаръӣ барои истифодаи оби нӯшокӣ ва баровардани партовобҳо бо муштарӣ шартнома мебанданд. Ҳамаи маълумотҳо оид ба муштариёни фаръӣ бо нишон додани номгӯи онҳо, мансубияти идорӣ, маълумотҳо дар бораи хароҷоти оби нӯшокӣ ва партовобҳо, мавҷуд будани таҷҳизоти баҳисобгирии об ва дигар маълумотҳо мувофиқи банди 9) Қоидаҳои мазкур аз ҷониби муштарӣ дар замимаи шартнома, ки байни муштарӣ ва корхона баста шудааст, оварда мешаванд.

14) Аз ҷониби муштарӣ зиёд ва ё кам намудани хароҷоти об ё миқдори партовобҳои баровардашаванда, зиёд шудани дараҷаи ғизлати партовобҳои баровардашаванда аз меъёри дар шартнома муайяншуда, таҷдид ва ё ба истифодабарӣ супоридани шабакаҳои нави обтаъминкунӣ ва канализатсия, иншоот ва таҷҳизот, пайвастшавии муштариёни фаръии нав, тағйирёбии нақша ва пайвастшавиҳои гиреҳи баҳисобгирии об, иваз намудани таҷҳизоти баҳисобгирӣ танҳо бо иҷозати корхона баъди мувофиқакунонии тағйироти пешбинишаванда ва ворид намудани иловаҳои дахлдор ба шартномаи пеш аз ин басташуда, ё бастани шартномаи нав, роҳ дода мешавад.

15) Дар ҳолатҳое, ки агар принсипи техникии имконияти истифода аз ҷониби баъзе муштариёни об барои эҳтиёҷи техникии худ, ба ғайр аз системаи таъмини оби нӯшокии маҳалли аҳолинишин муқаррар шуда бошад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо пешниҳоди корхона, бояд ин муштариёнро ӯҳдадор намояд, ки дар мӯҳлатҳои мувофиқашуда аз ҳисоби маблағҳои худ ҷиҳати қатъи истифодаи оби нӯшокӣ барои эҳтиёҷоти техникиашон чораҳо андешанд. Дар ҳолати иҷро накардан, ё саривақт аз ҷониби муштарӣ иҷро нагардидани ин чорабиниҳо Корхона ҳуқуқ дорад ба муштарӣ таъмини оби нӯшокиро барои эҳтиёҷоти техникии вай дар ҳаҷми пурра ва ё қисман қатъ намояд.

16) Пардохти маблағи оби аз ҷониби муштарӣ истифодашуда ва қабули партовобҳои ӯ дар асоси нархномаҳое, ки тибқи қонунгузории амалкунанда муқаррар карда шудааст, амалӣ мегардад.

17) Барои муштариёни амалкунанда ва нав ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалли аҳолинишин пайвастшаванда,

мувофиқи шартномаи байни корхона ва ин муштариён басташуда муайян карда мешаванд:

- меъёр ва шартҳои таъмини оби нӯшокӣ;
- меъёри қабули партовобҳои истеҳсолӣ ба системаи канализатсия ва талабот нисбат ба ҳаҷм ва дараҷаи ифлосии моддаҳои ғализ, тибқи қоидаҳои амалкунанда ва шартҳои техникии қабули партовобҳо ба системаи канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин;
- мӯҳлати амали меъёрҳои мувофиқашуда.

18) Корхона барои истифодаи об ва баровардани партовобҳои аз меъёр зиёд ва зиёд будани дараҷаи ифлосии партовобҳои корхонаҳои истеҳсолӣ, мувофиқи қонунгузории амалкунанда ва шартномаи басташуда, нархномаҳои баландро истифода мебарад.

19) Муносибатҳое, ки бо Қоидаҳои мазкур ба танзим дароварда нашудаанд, бо дарназардошти талаботи иловагӣ, ки хусусиятҳои хоси маҳаллӣ ва истифодабарии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияро ба инобат гирад, бо шартномаи байни корхона ва муштарӣ муайян карда мешаванд.

20) Шикоятҳо оид ба амали корхона, аз тарафи мақомоти болоии хоҷагии манзилию коммуналӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё аз тарафи судҳо дида баромада мешаванд.

21) Баҳсҳои байни корхона ва муштариён бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда ҳаллу фасл карда мешаванд.

## 3. Пайвастшавии иншоот ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин

22) Барои ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин пайваст намудани иншооти нав ё барои зиёд намудани ҳаҷми оби нӯшокӣ ва баровардани партовобҳо бо таҷҳизот ва иншооти мавҷуда фармоишгар (муштарӣ) ӯҳдадор аст барои пайвастшавӣ, нобобаста аз мансубияти идории шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ ва таҷҳизот, ки ба онҳо пайвастшавӣ амалӣ мегардад, иҷозат ва шартҳои техникӣ гирад. Тартиби гирифтани шартҳои техникӣ мувофиқи «Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009, №531 тасдиқ гардидааст, амалӣ мегардад.

23) Барои гирифтани иҷозат ва шартҳои техникӣ ҷиҳати пайвастшавӣ фармоишгар (муштарӣ) ба корхона дархост бо замимаи шиносномаи хоҷагии об, нақшаи қитъа дар асоси ҳисоби геодезӣ бо нишондоди ҳамаи шабакаҳои муҳандисӣ, тавсифномаи иншооти пайвастшавандаро (таъинот, баландӣ ё баландошёна будани биноҳо, шумораи муштариёни фаръӣ ва ғайраҳоро) пешниҳод менамояд.

24) Корхона пас аз гирифтани дархост, дар мӯҳлати то 10 рӯзи корӣ барои пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия бо нишон додани мӯҳлати амали шартҳои техникӣ, Шартҳои техникӣ медиҳад.

25) Шартҳои техникӣ барои пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, ҷойи пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия (нишонӣ, рақами чоҳ ё камера); тартиби мувофиқасозии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ бо дарназардошти ҳуҷҷатҳои амалкунандаи меъёрӣ; мӯҳлати амали шартҳои техникӣ; мансубияти идории таҷҳизот ва иншооти лоиҳавӣ (таҷдидшаванда) барои пайвастшавӣ ва тақсимоти сарҳади масъулияти истифодабарии шабакаҳои корхона ва фармоишгар, талаботи техникии махсус ба таҷҳизот ва иншоот барои пайвастшавиро муайян менамояд. Ба ғайр аз ин, дар шартҳои техникӣ оид ба таҷҳизот ва иншоот барои пайвастшавӣ бояд иловатан маълумотҳои зайл пешниҳод карда шаванд:

а) дар системаи обтаъминкунӣ:

- фишори баҳисобгирифташуда дар ҷойи пайвастшавӣ;

- талабот нисбат ба асбобҳои назоратии ченкунӣ ва гиреҳи баҳисобгирии об;

- миқдори ниҳоии оби додашаванда ва реҷаи обистеъмолкунӣ;

- талабот нисбат ба таҷҳизоти ҳавзҳои оби тоза.

б) дар системаи канализатсия:

- қайди нишони уфуқии новаҳо дар ҷойи пайвастшавӣ ба системаи канализатсия;

- ҳаҷм, таркиб ва дараҷаи ифлосӣ ва реҷаи қабули партовобҳои баровардашаванда; талабот нисбат ба таҷҳизоти намунагирӣ ва баҳисобгирии партовобҳо.

26) Корхона ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми додани иҷозат ва шартҳои техникӣ барои пайвастшавии иншооти нав, ё ба муштарӣ барои зиёд намудани ҳаҷми оби нӯшокӣ (қабули партовобҳо) дар таҷҳизот ва иншооти мавҷуда, барои пайвастшавӣ дар ҳолати нокифоя будани иқтидори системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалҳои аҳолинишин, ҳангоми мавҷуд набудани маблағҳо барои рушди системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, аз ҷумла барои лоиҳакашӣ, сохтмон ва таъмини моддию техникӣ, бо талаботи иловагӣ ва шартҳои техникии махсус иҷозат диҳад.

27) Лоиҳаи таҷҳизот ва иншоот барои пайвастшавӣ ба системаи обтаъминкунӣ бояд дар бар гирад:

- нусхаи нақшаи маҳалли аҳолинишин дар андозаи на камтар аз 1:2000;

- нақшаи генералии қитъа дар андозаи на камтар аз 1:500 бо ҳамаи таҷҳизоти зеризаминии ба лоиҳа воридшуда ва амалкунанда, бо нишондоди чуқурии хобондани онҳо, ки бо соҳибони шабакаҳои муҳандисӣ мувофиқа карда шудаанд;

- мақтаъ, нақшаҳои ҷойгиршавии таҷҳизот ва дигар олотҳои маҳкамкунанда, гидранти сӯхторнишонӣ ва тавсифнома барои иншоот ва таҷҳизот;

- нақшаи биное, ки дар он гиреҳи баҳисобгирии об дар андозаи 1:50 ё 1:100 бо тасвири шабакаҳо ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ ҷойгир шудааст;

- нақшаҳои кории ҷойи пайвастшавӣ ва гиреҳи баҳисобгирии об дар андозаи 1:10 ё 1:20;

- маълумотномаи ҳисобию тавзеҳӣ бо тавзуни хароҷоти оби нӯшокӣ барои эҳтиёҷоти хоҷагидорию маишӣ ва истеҳсолию техникӣ ва нишон додани хароҷоти ниҳоии шабонарӯзӣ ва ҳарсоатии оби нӯшокӣ.

28) Лоиҳаи таҷҳизот ва иншоот барои пайвастшавӣ ба системаи канализатсия бояд чунин ҳуҷҷатҳоро дар бар гирад:

- нусхаи нақшаи маҳалли аҳолинишин дар андозаи 1:2000 бо уфуқҳо;

- нақшаи генералии қитъа дар андозаи на камтар аз 1:500 бо ҳамаи таҷҳизоти зеризаминии ба лоиҳа воридшуда ва мавҷуда, бо нишондоди чуқурии хобондани онҳо, ки бо соҳибони шабакаҳои муҳандисӣ мувофиқа карда шудаанд;

- мақтаъҳои хатҳои банақшагирифташудаи партовоббарорӣ бо нишон додани шартҳои гидрогеологӣ, қутри қубурҳо, қайди сатҳи замин ва чуқурии хобонидани қубурҳои банақшагирифташуда ва амалкунанда, ҷой ва нишонаи бурриш бо дигар таҷҳизоти зеризаминӣ. Мақтаъҳо дар андозаи 1:100 ба тарзи амудӣ ва 1:500 ба тарзи уфуқӣ пешниҳод карда мешаванд;

- нақшаҳои кории иншооти канализатсионии ба лоиҳа воридшаванда (чоҳҳои пайвастшавӣ ва ғайра);

- маълумотномаи ҳисобию тавзеҳӣ бо нишон додани ҳаҷми партовобҳо, таркиб ва дараҷаи ифлосии онҳо, иншооти партовобтозакунии маҳаллӣ ва самаранокии кори онҳо, ҳисоби қутр ва нишебии қубурҳо, ҷои ҷойгиршавии бароришҳо, пуршавӣ ва суръати ҷоришавии партовобҳо ва намуди таҷҳизоти баҳисобгирии партовобҳо.

29) Корхона лоиҳаи таҷҳизот ва иншооти пайвастшавандаи барои мувофиқа пешниҳод гардидаро дида мебарояд ва дар мӯҳлати даҳ рӯзи корӣ, дар баъзе ҳолатҳо бошад, ҳангоми зарурияти гузаронидани санҷишу ченкуниҳои аслӣ дар мӯҳлати то як моҳ хулосаи худро медиҳад. Дар ин ҳолатҳо, корхона бояд мувофиқати лоиҳа бо шартҳои техники қаблан додашуда ва Қоидаҳои мазкурро санҷида барояд. Масъулияти мувофиқат намудани лоиҳаи таҳиягардида ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба зиммаи ташкилоти лоиҳакашӣ гузошта мешавад.

30) Ҳамаи тағйироти ба лоиҳаи қарор, дар давраи лоиҳакашӣ воридшаванда ва канорагирӣ аз шартҳои техникии ба таҷҳизот ва иншоот барои пайвастшавӣ додашуда, бояд иловатан бо Корхона мувофиқа карда шаванд.

31) Як нусхаи лоиҳаи таҷҳизот ва иншооти пайвастшавӣ, ки бо корхона мувофиқа шудааст, ба фармоишгар (муштарӣ) баргардонида шуда, нусхаи дуюм барои пешбурди назорати сохтмон ва қабули истифодадиҳии таҷҳизот ва иншооти пайвастшаванда истифода бурда мешавад.

32) Баъди анҷом ёфтани сохтмон, то ба истифодабарӣ супоридани ҳамаи шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия ва таҷҳизоти дар он мавҷудбуда, ҳатман аз ҷониби фармоишгар (муштарӣ) барои ташхиси техникии корхона бо додани маълумотнома оид ба иҷрои шартҳои техникӣ ба лоиҳа ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мувофиқаткунанда, пешниҳод карда мешаванд. Дар баробари ин, бояд ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

- санади корҳои ноаёни сохти асосҳо, таҳкурсиҳо, зичии хок, изолятсия ва ғайраҳо;

- сертификат ва шиноснома ё ҳуҷҷати онҳоро ивазкунанда ба қубурҳо, таҷҳизот ва конструксияҳо;

- ҳуҷҷатҳои ташхиси мустаҳкамии кубикҳои бетонӣ;

- санадҳои коркарди санитарии шабакаҳо ва иншоот;

- тамғаи кафшерӣ бо нишондоди ному насаби кафшергар ва рақами ҳуҷҷати ӯ;

- санадҳои санҷиши гидравликии шабакаҳо ва иншоот нисбат ба мустаҳкамӣ ва герметикӣ буданашон ва ҳаҷми обгузаронии гидрантҳои сӯхторнишонӣ;

- санади самаранокии амали бароришҳо ва вантузҳо;

- нақшаҳои иҷро, ки бо соҳибмулкони иншооти зеризаминӣ ва дигар ташкилотҳои манфиатдор мувофиқа шудаанд;

- санадҳо оид ба иҷрои корҳои муҳофизати қубурҳо аз зангзанӣ;

- ҳуҷҷатҳои қафомонӣ, ки бо ташкилоти лоиҳакашӣ, фармоишгар ва дигар ташкилотҳои манфиатдор мувофиқа карда шудаанд;

- шиносномаҳои кафолатии ташкилоти сохтмонӣ оид ба иншооти ба истифодабарӣ супоридашаванда бо нишондоди мӯҳлати масъулияти ташкилоти сохтмонӣ барои нуқсонҳои ноаён;

- дафтари иҷрои корҳо;

- маълумотномаи муҳосибавии фармоишгар (муштарӣ) дар бораи арзиши мувозинавии шабакаҳо ва иншоот, ки барои истифодабарии хоҷагидорӣ ба Корхона супорида мешавад;

- санади қабули гиреҳи баҳисобгирии об, таҷҳизоти баҳисобгирии партовобҳо.

33) Аз рӯи натиҷаи ташхиси техникӣ санад тартиб дода мешавад, ки ба он намояндагони корхона ва фармоишгар (муштарӣ) имзо мегузоранд.

34) Таҷҳизот ва иншооти обтаъминкунӣ барои пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ то лаҳзаи ба истифодабарӣ супоридан, бояд шуста шуда, то дараҷаи мусбат расонидани натиҷаи таҳлили сифати об аз рӯи нишондодҳои бактериологӣ мувофиқи талаботе, ки Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, бояд дезинфексия карда шуда ва дар ин бора санади махсус тартиб дода шавад.

35) Таҷҳизот ва иншооти обтаъминкуни пайвастшавандаро бо иштироки намояндаи корхона ташкилоти сохтмонӣ аз ҳисоби худ шуста ва дезинфексия мекунад. Ҳаҷми об – Q, ки барои шустан ва дезинфексия намудан сарф шудааст, аз рӯи формулаи зайл муайян карда мешавад:

$$Q = 2{,}65 \times F \times t \times SQRT(H),\ (м^3),$$

ки дар ин ҷо,

F - масоҳати бурриши қубури шусташаванда ($м^2$);

H - фишори об пеш аз маҳкамшавии қубури шусташаванда (м);

t – вақти шустан (сония).

SQRT (H) – решаи квадратӣ аз H.

36) Маълумот дар бораи мӯҳлати шустан, қутри қубури шусташаванда ва фишор ба санаде, ки аз тарафи намояндаи корхона ва

ташкилоти масъули шустану дезинфексия намудан тартиб дода шудааст, ворид карда мешавад.

37) Санад дар бораи дезинфексияи шабакаҳо ва иншооти обтаъминкунии сохташаванда ҳуҷҷате мебошад, ки ба системаи амалкунандаи обтаъминкунӣ пайваст ё васл гардидан ва ба истифодабарӣ супоридани онҳоро иҷозат медиҳад. Санадро намояндагони корхона, фармоишгар (муштарӣ) ва намояндаи Хадамоти минтақавии назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо менамоянд.

38) Ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия пайвастшавии шабакаҳо ва иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсионии сохташударо фармоишгар (муштарӣ) таҳти назорати техникии корхона амалӣ менамояд.

39) Васл намудан, шустан ва дезинфексияи қубурҳои обгузар, пайвастшавии қубури партовоббарории муштарӣ аз ҷониби фармоишгар (муштарӣ) ё Корхона аз ҳисоби фармоишгар (муштарӣ) анҷом дода мешавад.

40) Таъмини оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо аз тарафи корхона баъд аз бартараф намудани ҳама гуна камбудиҳое, ки дар санади ташхиси техникии системаи қабулшаванда нишон дода шудаанд ва гирифтани маълумотномаи Корхона дар бораи ба истифодабарӣ супоридани система ва баста шудани шартнома иҷозат дода мешавад. Фармоишгар ба Корхона дар бораи пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, барасмиятдарории вай ба сифати муштарӣ ва бастани шартнома мувофиқи Қоидаҳои мазкур дархост пешниҳод менамояд.

41) Пас аз бақайдгирии фармоишгар ба сифати муштарӣ ва бо ӯ бастани шартнома таҷҳизоту иншооти барои пайвастшавӣ сохташуда аз ҷониби Корхона бо иштироки намояндаи муштарӣ ва ташкилоти сохтмонӣ ба истифода дода мешаванд.

42) Фармоишгар (муштарӣ) барои кори мӯътадил ва ҳолати техникии шабакаҳо ва иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ дар муддати як сол аз рӯзи ба истифода супоридани онҳо масъул буда, бо супориши Корхона дар муддати ин мӯҳлат бо қувва ва маблағҳои худ ҳамаи нуқсонҳои техникии ошкоршударо бартараф менамояд.

43) Ба системаи амалкунандаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалли аҳолинишин худсарона пайваст шудан ва сохтмони худсаронаи таҷҳизот ва иншоот манъ аст.

44) Пайвастшавии ҳама гуна оби таъиноти ғайри нӯшокӣ дошта ба системаи обтаъминкунии маҳалли аҳолинишин қатъиян манъ аст.

45) Барои худсарона пайвастшавӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, ки дар ҳисоби хоҷагӣ ва хизматрасонии Корхона мебошанд, масъулият доранд:

- соҳибмулкони таҷҳизот ва иншооти пайвастшаванда;
- муштарии дар ҳисоби хоҷагӣ ва хизматрасонии вай қарордошта;
- ташкилоти сохтмонӣ, то ба имзо расидани санади ташхиси техникӣ аз ҷониби Корхона.

46) Барои худсарона пайвастшавӣ ба шабака ва таҷҳизоте, ки ҳисоби хоҷагии онҳо муайян карда нашудааст, масъулият ба зиммаи соҳибмулкони таҷҳизот ва иншооти пайвастшаванда, яъне ташкилотҳое, ки ба воситаи онҳо об истифода бурда мешавад ё партовобҳо бароварда мешаванд вогузошта мешавад.

47) Дар ҳолати ошкор шудани сохтмони худсаронаи таҷҳизоту иншооти пайвастшавӣ намояндаи корхона ду нусха санад тартиб дода, як нусхаашро ба соҳиби ин иншоот ё муштарӣ медиҳад. Ҳангоми аз санади тартибдодашуда норозӣ будани соҳибмулк, вай ӯҳдадор аст, ки санадро имзо намояд ва норозигии худро нисбат ба даъвои пешниҳодшуда нишон диҳад. Ҳангоми даст кашидан аз имзои санад, он бо тартиби яктарафа эътибор пайдо менамояд ва дар зери он «аз имзо кардан худдорӣ намуд» навишта мешавад.

48) Сохтмонҳои худсаронаи иншоот ва таҷҳизоти ошкоргардида барои пайвастшавӣ ба системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, бояд аз ҷониби муштарӣ ё намояндаи корхона зуд боздошташуда, ба муштарӣ ҳисоби ҷуброни маблағи хароҷоти об ва партовобҳои баровардашуда тибқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур ва маблағи корҳо оид ба буридани таҷҳизот ва иншооти пайвастшуда пешниҳод карда шавад.

49) Истифодабарии обтақсимкунакҳои кӯчагӣ (колонкаҳои обтақсимкунӣ, қаравулхона) аз ҷониби корхона ё муштарӣ, вобаста ба ҳисоби ҳоҷагии онҳо, ба роҳ монда мешавад. Дар назди обтақсимкунак шустушӯи маводу ашё ва ҷиҳози хона, шустани нақлиёт, ҳайвонот, ба онҳо пайваст намудани қубурҳо ва рӯдаҳои обгирӣ ва дигар амалҳое, ки ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯй нестанд, манъ аст.

50) Корхона ба нуқтаҳои савдое, ки танҳо дар фасли тобистон кор мекунанд ва иншооти хоҷагии роҳ ва ободонии маҳалҳои аҳолинишин, мувофиқи ҷадвале, ки бо пешниҳоди корхона бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа шудаанд, обтаъминкуниро аз рӯи нақшаи муваққатӣ иҷозат медиҳад.

51) Иҷозат барои истифодаи муваққатии таъмини об ба мӯҳлати то як сол дода мешавад. Баъди гузаштани ин мӯҳлат дар мувофиқа бо Корхона ва қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз нав иҷозат барқарор карда мешавад.

52) Ба чоҳҳое, ки колонкаҳои обтақсимкунӣ ва гидрантҳои сӯхторнишонӣ доранд, пайваст намудани шабакаҳои муваққатии обтаъминкунӣ иҷозат дода намешавад.

53) Корхона метавонад аз рӯи нақшаи муваққатӣ барои пайваст шудан ба шабакаҳо ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ, ки дар ҳисоби хоҷагии корхона ва ҳамчунин дар идораи ҳисоби хоҷагии муштарӣ мебошад, иҷозат диҳад. Қубурҳои обгузари берун аз бино бояд дар зери замин хобонида шаванд. Бо рӯйи замин кашидани қубурҳо танҳо барои обтаъминкунӣ дар фасли тобистон роҳ дода мешавад. Дар баробари ин, аз даруни новаҳо ва ҷӯйҳои ду тарафи роҳ кашидани қубурҳо манъ аст.

54) Сохтмон ва истифодабарии қубурҳои муваққатии обтаъминкунӣ аз ҷониби муштарӣ анҷом дода мешавад.

55) Пайвастшавии муштарии фаръӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсияи муштарӣ бо тартиби дар боби мазкур муайяншуда амалӣ мегардад.

## 4. Васл намудан ва истифодабарии асбобҳои баҳисобгирии хароҷоти оби нӯшокӣ ва қабули партовҳо

56) Хароҷоти оби нӯшокӣ ва қабули партовҳо барои тамоми гурӯҳи муштариён бояд ба воситаи таҷҳизоти баҳисобгирии об, ки аз ҷониби корхонаҳои ба истифодабарии системаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия машғулбуда, амалӣ мегардад. Муқаррароти ин банд нисбат ба шабака ва системаҳои барои мақсади сӯхторнишонӣ (таҷҳизоти берунӣ ва дохилии сӯхторнишонӣ) истифодашаванда низ паҳн мегардад.

57) Таҷҳизоти баҳисобгирии об бояд ба стандартҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намоянд ва сертификати Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд.

58) Гиреҳҳои баҳисобгирии об бояд дар бино ва маконе ҷойгир карда шаванд, ки дорои рӯшноии сунъӣ ё табиӣ ва ҳарорати ҳавои он дар фасли зимистон на камтар аз +4 С бошад. Макони ҷойгиршавии гиреҳи баҳисобгирии об бояд аз ҷойҳое, ки дар онҳо сарватҳои моддӣ нигоҳ дошта мешаванд, бо мақсади пешгирии вайрон шуданашон ҳангоми зери об мондани гиреҳи баҳисобгирии об, боэътимод ҷудо карда шаванд. Макони ҷойгиршавии гиреҳи баҳисобгирии об бояд ба тамоми баландиаш барои пешгирии расидани обҳои зеризаминӣ ва борон гидроизолятсияи берунӣ ва дар дошта бошад, ки барои даромадан қулай буда, ба шахсони бегона дастнорас бошад. Дар макони ҷойгиршавии гиреҳи баҳисобгирии об сохтани хатҳои транзитии канализатсия, бароришҳо ва пайвастшавиҳо манъ аст.

59) Дар шартномаи байни муштарӣ ва корхона барои истифодаи оби нӯшокӣ басташуда бояд вазифа ва ному насаби шахси барои бино, нигоҳдории таҷҳизот, бутунии тамға дар таҷҳизоти баҳисобгирии обу ғалақаи хатти гирдогирд ва ҷойи нигоҳдории калидҳои дари даромад масъул нишон дода шаванд.

60) Васли таҷҳизоти баҳисобгирӣ танҳо пас аз пурра омода будани макони ҷойгиршавӣ ва таҷҳизоти гиреҳи баҳисобгирии об, ба итмом расидани корҳои сохтмонию васлкунӣ дар он ва тартиб додани санади қабули гиреҳи баҳисобгирии об роҳ дода мешавад.

61) Таҷҳизоти баҳисобгирӣ, бояд мувофиқи ҳуҷҷатҳои амалкунандаи меъёрӣ васл, аз санҷиш гузаронида ва истифода бурда шаванд. Ҳангоми гузаштани мӯҳлати тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрии муқарраргардидаи хизмати таҷҳизоти баҳисобгирӣ, корхона бояд дар мӯҳлати як моҳ таҷҳизоти нави дахлдори баҳисобгирии об васл кунад.

62) Таҷҳизоти баҳисобгирӣ бояд аз тарафи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкилотҳои ваколатдори он аз

ҳисоби корхона санҷида ва тамға зада шаванд. Бетамға васл ва истифодабарии таҷҳизоти баҳисобгирӣ манъ мебошад.

63) Муштарӣ барои нигоҳубин ва бутунии таҷҳизоти баҳисобгирии об ва тамғаҳои он масъул мебошад.

64) Муштариён бояд корхонаро аз нуқсонҳо ва бекор гардидани таҷҳизоти баҳисобгирии об, канда шудан ё нобутунии тамғаҳо фавран хабардор намоянд.

65) Санҷиши давлатӣ ва идоравии таҷҳизоти баҳисобгирии об ва корҳои банақшагирифташуда оид ба хизматрасонии ин асбобҳо, ки дар ҳисоби хоҷагӣ ва хизматрасонии корхона қарор доранд, аз ҷониби намояндагони Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкилотҳои ваколатдори он аз ҳисоби корхона амалӣ мегардад.

66) Таҷҳизоти баҳисобгирии об, ки барои ҳисоббаробаркунӣ бо корхона пешбинӣ намешаванд, аз ҷониби муштарӣ ё муштарии фаръӣ истифода мегарданд ва ба онҳо хизмат мерасонанд. Корхона нишондодҳои ин таҷҳизоти ҳисоббаробаркунӣ бо муштариёнро ба инобат намегирад.

67) Нишондоди таҷҳизоти баҳисобгирии об, ки барои ҳисоббаробаркунӣ бо муштариён хизмат мекунад, аз ҷониби худи муштариён гирифта шуда, ба корхона дар мӯҳлатҳои бо шартнома муайяншуда, пешниҳод карда мешавад.

68) Дурустии нишондодҳои таҷҳизоти баҳисобгирӣ ва хароҷоти обро аз ҷониби муштариён корхона мунтазам назорат менамояд. Агар дар натиҷаи санҷиш муайян карда шавад, ки нишондодҳои таҷҳизоти баҳисобгирӣ бо маълумотҳои хароҷоти об мувофиқат наменамоянд, корхона пардохти маблағро барои давраи аз санҷиши аввала то рӯзи муайян шудани номувофиқатӣ аз нав ҳисобу китоб менамояд.

69) Намояндаи корхона ҳангоми гирифтани нишондоди таҷҳизоти баҳисобгирӣ ӯҳдадор аст, ки мавҷудият ва бутунии тамғаҳоеро, ки дар таҷҳизоти баҳисобгирӣ ва ғалақаи хати гирдогирди гиреҳи баҳисобгирии об, гидрант ва дигар таҷҳизоти тамғадор, ки дар масъулияти муштарӣ ё дар ҳисоби ҳоҷагии вай мебошанд, тафтиш намояд.

70) Муштариён ӯҳдадоранд ба намояндагони корхона ҳангоми мавҷуд будани ҳуҷҷати хизматиашон даромаданро ба гиреҳи баҳисобгирии об, дастрасӣ ба ҳамаи таҷҳизот ва иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, ки дар сарҳади масъулияти муштарӣ ё идораи хоҷагидории асосёфтаи вай мебошанд, таъмин намоянд. Ҳангоми аз ҷониби муштарӣ таъмин накардани дастрасии намояндаи корхона ба таҷҳизоти баҳисобгирии об ва ғалақаи тамғадор барои гирифтани нишондодҳо, пардохтҳо мувофиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур анҷом дода мешаванд.

71) Барои иҷрои корҳои кушода гирифтан ва иваз намудани таҷҳизоти баҳисобгирии об дар шабакаҳо, иншоот ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ намояндаи корхона бояд супориши корӣ ва ҳуҷҷати хизматӣ дошта бошад. Бе нишон додани ҳуҷҷати мазкур муштарӣ бояд роҳ надиҳад, ки дар гиреҳ ва таҷҳизоти баҳисобгирии об,

шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, иншоот ва таҷҳизот тафтиш ва дигар намуди корҳо иҷро карда шаванд.

## 5. Баҳисобгирии ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда ва партовобҳои қабулгардида

72) Ҳаҷми оби нӯшокии истифодакардаи муштарӣ ва партовобҳои ба системаи канализатсия қабулшуда аз рӯи нишондоди таҷҳизоти баҳисобгирӣ муайян карда мешаванд. Дар ҳолати мавҷуд набудани таҷҳизоти баҳисобгирии оби муштариёни маишӣ ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда ва партовобҳои ба системаи канализатсия қабулшуда аз рӯи меъёрҳои амалкунанда муайян карда мешаванд.

73) Дар ҳолати корношоям будани таҷҳизоти баҳисобгирии об ва риоя нашудани бутунӣ ва нигоҳдории тамғаҳо дар гиреҳи баҳисобгирии об бо айби муштарӣ, ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда ва қабули партовобҳо мутобиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур муайян карда мешаванд.

Дар ҳолати корношоям будани таҷҳизоти баҳисобгирии об бо айби корхона, миқдори ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда ва қабули партовобҳо бо ҳисоби миёнаи хароҷоти се моҳи охири муштарӣ муайян карда мешавад.

74) Дар ҳолати саркашӣ намудан аз васли таҷҳизоти баҳисобгирӣ ва дигар ҳолатҳое, ки бо Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда аз рӯи ҳаҷми обгузаронии қубури ба системаи коммуналии обтаъминкунӣ пайвастшуда, бо суръати ҳаракати об 1,5 м/с ва барои вақти воқеии баобтаъминкунии муштарӣ аз рӯзи санҷиши охирини Корхона, муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат ҳаҷми партовобҳои қабулшуда ба ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда, ки мувофиқи банди мазкур ҳисоб карда шудааст, баробар ҳисобида мешаванд.

75) Ҳангоми аз ҷониби муштарӣ таъмин нагаштани дастрасии намояндаи Корхона ба таҷҳизоти баҳисобгирӣ ҳаҷми истеъмолшудаи оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо мутобиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур муайян карда мешавад.

76) Дар ҳолати мавҷуд набудани асбобҳои баҳисобгирии оби нӯшокӣ, ҳаҷми партовобҳое, ки аз ҷониби муштарӣ ба системаи канализатсионӣ бароварда мешавад, ба ҳаҷми оби нӯшокии истеъмолшуда баробар ҳисобида мешавад.

77) Агар ҳаҷми партовобҳои баровардашаванда аз ҳаҷми оби нӯшокии аз системаи обтаъминкунӣ гирифтаи муштарӣ кам бошад, пас муштарӣ ба корхона ҳисобҳои асосноккардашудаи ҳаҷми партовобҳои баровардашударо дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи корхона, пешниҳод менамояд.

78) Муштариёне, ки ба системаи обтаъминкунии маҳалли аҳолинишин пайваст нестанд ва муштариёне, ки дигар сарчашмаи таъмини об доранд, ӯҳдадоранд дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи корхона, маълумотҳои ҳисоби хароҷоти обро аз рӯи таҷҳизоти баҳисобгирии об

ва маълумотҳои заруриро барои ҳисоби миқдори воқеии партовобҳои ба системаи канализатсионӣ партофтамешударо пешниҳод намоянд.

79) Дар ҳолати аз ҷониби муштарӣ пешниҳод нагардидани маълумотҳои дар банди 78) Қоидаҳои мазкур нишондодашуда, ҳаҷми партовобҳои аз муштарӣ қабулшаванда аз рӯи имконияти обгузаронии қубур, ки ба системаи коммуналии канализатсия пайваст мебошад, вобаста ба пуршавии қубур, баробар ба 0,8-и амали шабонарӯзии он бо суръати ҷоришавии партовобҳо 1,5 м/с муайян карда мешавад.

80) Ҳангоми ошкор намудани сохтмони худсаронаи таҷҳизот ва иншооти пайвастшавӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия, аз ҷумла таҷҳизоти пайвастшавӣ ба колонкаҳои обтақсимкунӣ, гидрантҳои сӯхторнишонӣ ва пайвастшавиҳои хонагӣ, ҳаҷми хароҷоти оби нӯшокӣ ва партовобҳои қабулшуда аз рӯи иқтидори обгузаронии таҷҳизот ва иншооти пайвастшавӣ, мутобиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур, ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҳолат, мӯҳлати истифодаи таҷҳизоти худсарона сохташуда аз рӯзи оғози истифодаи воқеии ин иншоот муайян карда мешавад. Агар санаи оғози истифодаи аслии ин иншоотро муайян кардан ғайриимкон бошад, пас мӯҳлати истифодабарии он на зиёда аз се моҳ ҳисоб карда мешавад.

81) Ҳангоми бо об таъмин намудани иншоот тибқи ҷадвали муваққатӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи бандҳои 50) ва 51) Қоидаҳои мазкур, ҳангоми мавҷуд набудани таҷҳизоти баҳисобгирии оби нӯшокии масрафгардида ва тартиби пардохти он бо шартномаи байни муштарӣ ва корхона басташуда муайян карда мешавад.

## 6. Пардохти маблағи истифодаи оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо

82) Ҳисобу китоби истеъмоли оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо бо муштариён аз рӯи нархномаҳо, мувофиқи қонунгузории амалкунанда ва шартнома, ки байни корхона ва муштарӣ баста шудааст, дар асоси нишондоди таҷҳизоти баҳисобгирӣ барои давраи ҳисоботӣ ва маълумотҳо оид ба ҳаҷми партовобҳо, ё дар асоси меъёрҳои моҳонаи истеъмоли об, анҷом дода мешавад.

83) Ҳисобу китоб бо муштариён барои оби ба онҳо додашуда ва партовобҳои аз онҳо қабулгардида аз рӯи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (ҳисобҳо), ки аз ҷониби корхона ё муштарӣ пешниҳод карда мешавад, тибқи тартиби барои ин гурӯҳи муштариён муқарраршуда сурат мегирад.

84) Ҳисобу китоб бо муштариён мувофиқи мӯҳлатҳои дар шартномаи байни муштарӣ ва корхона муқарраршуда анҷом дода мешавад.

85) Ҳисобу китоб бо муштариён бо тартиби нақдӣ ва ғайринақдӣ ба воситаи муассисаҳои бонкӣ амалӣ карда мешавад.

86) Ҳисобу китоб бо истеъмолкунандагоне, ки оби нӯшокиро аз обтақсимкунакҳои кӯчагӣ мегиранд, ба воситаи ҳуҷҷатҳои пардохтии аз ҷониби корхона пешниҳодшуда ба роҳ монда мешавад.

87) Дар ҳолати аз ҷониби муштариён дар мӯҳлатҳои муқарраршуда пардохт нагардидани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, барои ҳар як рӯзи таъхири

мӯҳлати пардохт, мувофиқи қонунгузории амалкунанда, ҷаримапулӣ ҳисоб карда мешавад.

88) Ҳангоми дар муддати даҳ рӯз пардохт накардани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, Корхона таҷҳизот ва иншооти пайвастшудаи муштариро бурида, додани об ва қабули партовобҳои ӯро қатъ менамояд.

89) Додани об ва қабули партовобҳо тибқи навбат, баъди аз ҷониби муштарӣ пардохт намудани қарз, барқарор карда мешавад.

90) Масъулияти зарар ва дигар оқибатҳои пас аз қатъи таъмини об ва қабули партовобҳо, дар робита бо корҳо барои қатъи иншооти пайвастшудаи муштарӣ бавуҷудомада, ки аз ҷониби Корхона иҷро карда шудаанд, ба зиммаи муштарӣ мебошад.

91) Агар ба муштарие, ки бо корхона шартнома дорад, муштариёни фаръӣ пайваст шуда бошанд, ҳисобу китоб барои оби ба онҳо додашуда ва баровардани партовобҳо аз тарафи муштарии фаръӣ бо муштарӣ тариқи шартномаи ҷудогона, ки байни онҳо баста шудааст, ба роҳ монда мешавад.

92) Ҳисобу китоб бо муассисаҳои таъмини гармӣ барои оби нӯшокӣ, ки ба онҳо барои истеҳсоли оби гарми марказонидашуда ҷудо гардидааст, барои ҳаҷми воқеии оби додашуда, аз рӯи нишондоди таҷҳизоти баҳисобгирии об, ҳамчунин ҳаҷми мувофиқаткунандаи партовобҳо, ки ба ҳаҷми оби додашуда баробар мебошад, аз рӯи нархномаҳо тибқи шартномаи байни корхона ва муассисаи таъмини гармӣ басташуда, ба роҳ монда мешавад.

93) Ҳаҷми партовобҳои аз ҷониби муассисаи таъмини гармӣ пардохтшаванда, ба андозае кам карда мешавад, ки қабули онҳо бо шартномаи байни муштариёни муассисаи таъмини гармӣ ва Корхона пешбинӣ шудаанд.

94) Ҳангоми мавҷуд набудани таҷҳизоти обченкунӣ дар муассисаҳои таъмини гармӣ, ҳаҷми оби нӯшокии барои истеҳсоли оби гарми марказонидашуда ҷудогардида ва ҳаҷми мувофиқаткунандаи партовобҳо тибқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур, муайян карда мешаванд.

95) Ҳангоми аз ҷониби муштарӣ ошкор гардидани хатогиҳо дар вақти пур кардани ҳуҷҷати пардохтӣ ҳангоми хизматрасонӣ он аз ҷониби Корхона ба андозаи ошкоршудаи онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳолати ошкор шудани хатогиҳо дар баҳисобгирии хароҷоти оби нӯшокӣ, Корхона барои давраи охирини ҳисоботӣ аз нав онро ҳисобу китоб менамояд.

96) Ҳангоми ошкор намудани нуқсонҳо ва корношоямии таҷҳизоти баҳисобгирии оби муштарӣ, осеб дидани бутунии тамғаҳои он ё дигар таҷҳизоти обтаъминкунӣ, сохтмони худсаронаи иншооти пайвастшавӣ ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, Корхона дар асоси санад, ки тибқи муқаррароти банди 47) Қоидаҳои мазкур тартиб дода шудааст, маблағҳои мувофиқаткунандаро бо тартиби зайл меруёнад:

- аз муштариёни дар банди 82) нишондодашуда тибқи тартиби аз ҷониби Корхона пешниҳод намудани ҳуҷҷати пардохтии иловагӣ барои пардохти ҳаққи оби нӯшокӣ ва партовобҳои қабулгардида, мувофиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур;

- аз муштариёни дар банди 83) нишондодашуда бо тартиби аз суратҳисоби пардохткунанда кам намудани маблағ дар асоси ҳуҷҷатҳои пардохтии маблағи оби нӯшокӣ ва партовобҳои қабулгардида, ки мувофиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур аз тарафи Корхона пешниҳод карда мешавад.

97) Дар ҳолати ошкор шудани сохтмони худсаронаи иншоот ва таҷҳизоти пайвастшавӣ ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсионии соҳибмулкон, ки муштарӣ нестанд, намояндаи Корхона тибқи муқаррароти банди 46) Қоидаҳои мазкур санад тартиб дода, ба соҳибмулкон ҳуҷҷати пардохтии маблағи хароҷоти оби нӯшокӣ ва партовобҳои қабулгардидаро, ки тибқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур ҳисоб карда мешаванд, пешниҳод менамояд.

98) Ҳангоми кӯчидан аз бинои ишғолкарда, тағйир ёфтани нишонӣ ё мақоми ҳуқуқӣ муштарӣ ӯҳдадор аст дар ин бора Корхонаро дар мӯҳлати 10 рӯз пеш аз ин тағйирот огоҳ намояд ва ҳаққи оби аз ҷониби ӯ истеъмолшуда ва партовобҳои қабулгардидаро пардохт намояд.

99) Ҳангоми ба соҳибмулкони нав гузаштани иншоот онҳо ӯҳдадоранд дар мӯҳлати як моҳ Корхонаро дар бораи ба зиммаи худ гирифтани ӯҳдадориҳои муштарӣ тариқи хаттӣ огоҳ намоянд ва бо Корхона шартнома банданд.

100) Агар муштарӣ Корхонаро дар бораи кӯчидан аз бинои ишғолнамуда ва гузаштани ҳуқуқҳояш ба ҳуқуққабулкунанда ё соҳибмулки нав хабар надода бошад, охирин дар мӯҳлатҳои муайяншуда Корхонаро дар бораи ба зиммаи худ гирифтани ӯҳдадориҳои муштарӣ тариқи хаттӣ огоҳ нанамояд, пас масъулияти истифодабарии системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия ба зиммаи ҳуқуққабулкунанда ё молики нав мегузарад. Ҳисоби пардохти маблағи хароҷоти оби нӯшокӣ ва партовобҳои қабулгардида тибқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур ба роҳ монда мешавад.

101) Хароҷоти об аз системаи обтаъминкунии маҳалли аҳолинишин барои хомӯш намудани сӯхтори муштарӣ ва иншооте, ки ҳамчунин муштарии Корхона ба ҳисоб меравand, новобаста аз мансубияти идорӣ ва шакли моликияти он, бояд аз ҷониби муштарӣ ё соҳибмулки иншоот пардохт карда шавад.

102) Ҳуҷҷатҳои пардохти маблағи оби нӯшокиро, ки барои сӯхторнишонӣ сарф шудаанд, ба муштариён ва соҳибмулкони иншоот Корхона дар асоси маълумотҳои мақомоти сӯхторнишонӣ пешниҳод менамояд. Хароҷоти об барои машқҳои тактикӣ, тафтиши кори гидрантҳои сӯхторнишонӣ ва чуммакҳои сӯхторнишонии дохилӣ бояд пардохт карда шаванд.

103) Дар бораи ҳаҷми оби барои сӯхторнишонии дохилӣ хароҷотшуда ба намояндаи муштарӣ ва хадамоти дахлдори сӯхторнишонӣ ва оид ба сӯхторнишонии беруна, машқҳои тактикии сӯхторнишонӣ ва тафтиши гидрантҳо бошад, ба намояндагони хадамоти сӯхторнишонӣ ва Корхона маълумот пешниҳод карда мешавад.

## 7. Шартҳои қатъ намудани таъмини оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо

104) Таъмини оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳо мунтазам сурат мегирад, агар тибқи шартномае, ки байни Корхона ва муштарӣ баста шудааст, ба ғайр аз ҳолатҳои дар банди 106) Қоидаҳои мазкур нишондодашуда, тартиби дигари таъмини об ва қабули партовобҳо пешбинӣ нашуда бошад. Муштарӣ ҳуқуқ надорад, ки бе иҷозати хаттии Корхона таъмини оби муштариёни фаръиро қатъ намояд.

105) Маҳдудиятҳо дар таъмини оби нӯшокии муштариён ва ба танзим даровардани речаи таъмини оби нӯшокӣ бо тартиби пебинигардидаи шартномаи байни Корхона ва муштарӣ басташуда, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар бандҳои 106) ва 107) Қоидаҳои мазкур нишон дода шудаанд, ба роҳ монда мешаванд.

106) Корхона ҳуқуқ дорад бе мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, қаблан муштариро огоҳ намуда, пурра ё қисман таъмини об ва қабули партовобҳоро дар ҳолатҳои зерин, агар ин амал ба сифати обтаъминкунӣ ва канализатсияи дигар муштариён таъсир нарасонад, қатъ намояд:

- ғайриқаноатбахш будани ҳолати техникии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, таҷҳизот ва иншооте, ки дар хизматрасонӣ ва ҳисоби хоҷагии муштарӣ мебошанд ва аз ҷониби муштарӣ иҷро нагардидани талаботи Корхона доир ба бартараф намудани нуқсонҳои истифодабарии техникӣ, ки аз ҷониби намояндагони Корхона ошкор карда шудаанд;

- иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар назди Корхона оид ба рушд, таҷдид ва иваз намудани шабакаҳо ва иншооти системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия;

- аз ҷониби муштарӣ роҳ надодани шахси мансабдори Корхона барои аз назар гузаронидани ҳолати гиреҳи баҳисобгирии об, шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, таҷҳизот ва иншооти онҳо, барои назорат бурдан ва гирифтани намунаи партовобҳо, васли тамғаҳо, ба танзим даровардани таъмини оби нӯшокӣ ва иҷрои дигар намуди корҳо бо супориши Корхона;

- аз ҷониби Корхона гузаронидани таъмири нақшавию пешгирикунанда ва корҳо оид ба хизматрасонии шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ ва таҷҳизоте, ки ба онҳо муштарӣ пайваст мебошад, ҳамчунин барои иҷрои корҳо доир ба пайваст намудани муштариёни нав;

- ошкор намудани сохтмони худсаронаи иншооти пайвастшавии муштарӣ ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ ё шабакаҳое, ки дар ҳисоби хоҷагӣ ва хизматрасонии муштарӣ мебошанд, набастани шартнома ё тамдид нанамудани мӯҳлати амали он бо Корхона;

- аз ҷониби муштарӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда напардохтани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ;

- рад намудани муштарӣ барои пайвастшавии муштариёни фаръӣ ба шабакаҳо ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, ки дар ҳисоби хоҷагии муштарӣ мебошанд ва барои чунин пайвастшавӣ аз

Корхона иҷозат гирифта, амрномаи Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ доранд;

- аз ҷониби муштарӣ иҷро нагардидани шартҳои шартномаи бо Корхона басташуда, доир ба меъёри муқарраршудаи таъмини оби нӯшокӣ ва риоя нанамудани шартҳо оид ба ҳаҷм ва таркиби партовобҳои баровардашаванда.

107) Қатъи таъмини оби нӯшокӣ ба манбаъҳои таъмини гармӣ (дегхонаҳои гармидиҳӣ, нуқтаҳои марказии гармидиҳӣ), ки сарчашмаи захиравии обтаъминкунӣ надоранд, дар давоми давраи гармидиҳӣ танҳо бо иҷозати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳ дода мешавад.

108) Корхона ҳуқуқ дорад таъмини оби нӯшокӣ ва қабули партовобҳои муштариро дар ҳолатҳои зайл бе қаблан огоҳ намудани вай пурра ё қисман қатъ намояд:

- ҳангоми қатъ гардидани таъмини нерӯи барқи Корхона;

- ҳангоми офатҳои табиӣ ва садамаҳои калон, аз ҷумла зуд паст шудани сифати оби нӯшокӣ дар сарчашма бинобар ба он афтодани маводи ифлоскунанда ва заҳрдор;

- зарурияти зиёд намудани ҳаҷми оби нӯшокӣ дар ҷои сӯхтор бавуҷудомада.

109) Дар ҳолати номунтазам будани кори таъмини об бинобар нарасидани иқтидори шабакаҳои обтаъминкунӣ, Корхона дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таъмини оби нӯшокии маҳалҳо ё ноҳияҳои ҷудогонаро аз рӯи реҷа бо огоҳикунии ҳатмии муштариён ташкил менамояд.

Дар ин ҳолат, Корхона оид ба бартараф намудани сабабҳое, ки ба таъмини муътадили оби муштариён халал расонидааст, чорабиниҳои зарурӣ таҳия намуда, онро амалӣ мегардонад.

110) Дар ҳолати пурра қатъ гардидани таъмини оби нӯшокии маҳали аҳолинишин ё ноҳияҳои ҷудогонаи он, новобаста аз сабабҳои бавуҷудомада, Корхона ба чорабиниҳое, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқ менамоянд, масъалаи ташкили обтаъминкунии муваққатии маҳалли аҳолинишинро, то аз нав барқарор намудани таъмини оби нӯшокӣ, ҳаллу фасл менамояд.

111) Оид ба ҳар як ҳодисаи қисман ё пурра қатъ гардидани таъмини об ба иншооте, ки шабакаи обтаъминкунии дохилӣ ва берунии сӯхторнишонӣ дорад, Корхона бояд қисми сӯхторнишонии ноҳиявиро хабардор намояд.

## 8. Ӯҳдадориҳо ва масъулияти Корхона ва Муштариён

112) Корхона обтаъминкунӣ, қабул ва хориҷ намудани ташнобҳои муштариро мувофиқи шартномаи басташуда таъмин менамояд, ба шарте, ки муштариёни пайвастшуда аз иншооту таҷҳизот ва шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ тибқи Қоидаҳои мазкур истифода намоянд.

113) Дар ҳолатҳои зайл Корхона барои кори номунтазами таъмини оби муштариён масъулият надорад:

- бо айби муштарӣ маҳдуд ё қатъ гардидани оби нӯшокӣ бо сабабҳое, ки дар банди 106) Қоидаҳои мазкур номбар шудааст.

114) Корхона ӯҳдадор аст:

- ҳолат ва истифодабарии шабакаҳо, иншоот ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва канализатсионии муштариёнеро, ки ба системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия пайваст шудаанд, мунтазам назорат намояд, ба муштариён дар ташкили истифодабарии муносиби он кӯмаки амалӣ расонад;

- зидди талафоти об мувофиқи нақша мубориза барад, талафот ва ғайрисамаранок истифодабарии обро аз ҷониби муштариён ошкор намояд, таъмин ва истифодаи обро қатъӣ назорат намояд ва ба ҳисоб гирад, риояи меъёри таъмини оби нӯшокӣ, баровардани партовобҳо ва меъёри баровардашавандаи моводи ғализро мунтазам назорат намояд;

- аз муштариён ҳаматарафа маҳдуд намудани истеъмоли оби нӯшокиро барои мақсадҳои истеҳсолӣ тавассути ҷорӣ намудани силсилаи технологияҳои навоварӣ, гардиши қисмӣ ё пурраи об, истифодаи оби сифати техникӣ дошта ё партовобҳои аз нав тоза кардашуда ва гузариш ба силсилаҳои технологияҳои беоб, талаб намояд;

- садамаҳои дар иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ рухдодаро қатъӣ ба ҳисоб гирад, дар ин бора ва дар бораи ҳолатҳои ошкоршудаи номувофиқатии сифати оби нӯшокӣ, баланд будани дараҷаи ифлосии партовобҳои ба канализатсия баровардашаванда, ки ба саломатии аҳолӣ хатар доранд, ба Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар диҳад;

- ба муштарӣ тариқи воситаҳои ахбори омма дар бораи кори Корхона, ҳолати иншоот, чорабиниҳо доир ба кам кардани талафоти об ва ғайраҳо, инчунин дар бораи иҷрокунандаи ин чорабиниҳо маълумот диҳад;

- Корхона аз мақомоти давлатии махсус ваколатдори танзими истифодабарӣ ва муҳофизати об бояд иҷозати махсуси истифодаи обро дошта бошад;

- Корхонаҳое, ки системаи канализатсия доранд, бояд ба воҳидҳои сохтории Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоби меъёрҳои ниҳоии имконпазири партовобҳоро барои тасдиқ пешниҳод намоянд.

115) Муштариён ӯҳдадоранд:

- бо Корхона саривақт шартнома банданд, иҷрои бечунучарои ӯҳдадориҳои шартномавиро таъмин намоянд, нишондодҳои таҷҳизоти баҳисобгирии обро саривақт ва дуруст гиранд ва маблағи дар ҳуҷҷатҳои пардохтӣ нишондодашударо пардохт намоянд;

- нигоҳубини боэътимоди шабакаҳо ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва канализатсионии дар сарҳади масъулияти истифодабриашон мавҷуд будаpo таъмин намоянд, ба корношоям гардидан, зери об мондан ва яхбандии онҳо роҳ надиҳанд, сарпӯши чоҳҳоро аз ях ва барф тоза

намоянд, бутунии тамғаҳои шинондашударо ба назорат гиранд, ба чоҳ рехтани обҳои рӯизаминиро пешгирӣ намоянд, даромадгоҳҳо ва рӯи гидрантҳои сӯхторнишониро бо маводи ҳархела пур накунанд, коршоямии гидрантҳои сӯхторнишониро ба назорат гиранд;

- дар болои шабакаҳову таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва канализатсия, ки дар сарҳади масъулияти истифодабарии муштарӣ ҷойгиранд ё дар идораи ҳисоби хоҷагиаш қарор доранд, ҷамъ намудани ашёву мавод ва ҳама гуна сохтмонҳоро роҳ надиҳанд;

- аз ҳама гуна садамаву осебҳои дар шабакаҳо, таҷҳизот ва иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсия ошкоршуда Корхонаро зуд хабардор намуда, то расидани намояндаи Корхона ҷойи нуқсон ёфтаро таҳти назорат гиранд;

- ба хароҷоти аз меъёр зиёди оби нӯшокӣ ва аз меъёр зиёд баровардани партовобҳо роҳ надиҳанд;

- хароҷоти оби нӯшокии муштариёни фаръиро ба назорат гиранд ва оид ба кам намудани ҳама гуна талафоти оби нӯшокӣ чораҳо андешанд;

- истифодабарии боэътимоди техникии шабакаҳо, таҷҳизот ва иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсияро, ки дар ҳисоби хоҷагӣ ва хизматрасониашон мебошанд, таъмин намоянд;

- шахсони бегонаро барои иҷрои ҳама гуна корҳо дар гиреҳи баҳисобгирии об, шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ, ки дар сарҳади масъулияти истифодабариашон мебошанд, роҳ надиҳанд;

- иҷозат надиҳанд, ки шахсони бегона сарпӯши чоҳҳоро кушода, ба дохили онҳо ворид шаванд;

- роҳ надиҳанд, ки обҳои боронӣ ва яхоб ба шабакаи канализатсионӣ, ки дар сарҳади масъулияти истифодабарӣ ё ҳисоби хоҷагии муштарӣ мебошад, ворид шаванд;

Муштарӣ барои иҷро нанамудани ӯҳдадориҳо, ки бо Қоидаҳои мазкур ва шартнома пешбинӣ шудаанд, дар андоза ва ҳаҷме, ки дар шартнома нишон дода шудааст, масъулияти амволӣ дорад.

116) Муштарӣ барои нигоҳубин, коршоямӣ ва ҳолати техникии ҳамаи таҷҳизоти қатъкунанда, ки бо об пур шудани таҳхонаҳоро ҳангоми садама дар шабакаҳои канализатсионӣ пешгирӣ менамоянд, масъулият дорад.

117) Дар ҳолати зери об мондани таҳхонаҳо, бинобар мавҷуд набудани миёнтир, ба таври герметикӣ маҳкам накардани ревизияҳо, дар ҳолати аз ҷиҳати техникӣ корношоям будани асбобу таҷҳизоти санитарӣ, шабакаҳову иншооти канализатсия ва таҷҳизоти он, ки дар идораи ҳисоби хоҷагии муштарӣ мебошанд, ҷуброни зарари расонидашуда, новобаста аз он ки садама (ифлосшавӣ, зериобмонӣ) дар шабакаи канализатсионии муштарӣ ё Корхона ба вуҷуд омадааст, ба зиммаи муштарӣ мебошад.

118) Муштарӣ барои бутунӣ ва ҳифзи тамғаҳои таҷҳизоти баҳисобгирии об, ки барои ҳисобу китоби оби нӯшокӣ бо Корхона истифода бурда мешаванд, ғалақаҳо, хатти гирдогирд, ғалақаҳои сӯхторнишонӣ, гидрантҳо ва дигар таҷҳизоти обтаъминкунӣ, ки дар сарҳади масъулияти истифодабарӣ ё идораи ҳисоби хоҷагии ӯ мебошанд ва тамғагузорӣ шудаанд, масъул мебошад.

119) Дар ҳолатҳои зайл кандани тамғаҳо аз ғалақа ва гидрантҳои тамғазадашудаи сӯхторнишонӣ иҷозат дода мешавад:

- ҳангоми тафтиши амали системаи сӯхторнишонии обтаъминкунӣ ва санҷидани насосҳои сӯхторнишонӣ пас аз мувофиқа бо Корхона;

- ҳангоми аз тарафи мақомоти сӯхторнишонӣ хомӯш намудани сӯхтор ва қабули санҷишии системаи обтаъминкунии сӯхторнишонӣ бе хабар додани Корхона.

120) Ҳангоми ба охир расидани истифодабарии системаи сӯхторнишонии обтаъминкунӣ муштарӣ ӯҳдадор аст дар давоми як шабонарӯз ба Корхона санади кандани тамғаро пешниҳод намояд ва намояндаи Корхонаро барои аз нав тамғагузорӣ даъват намояд.

121) Соҳибмулкони обтақсимкунакҳои кӯчагӣ, ки барои истифодабарии дастҷамъона пешбинӣ шудаанд, ӯҳдадоранд:

- шарту шароити истифода намудани онҳоро пешниҳод намоянд;

- иҷозат надиҳанд, ки дар назди обтақсимкунакҳо шустушӯй намоянд, воситаҳои нақлиёт ва ҳайвонотро шӯянд, қубурҳо ва қубурҳои резиниро ба обтақсимкунакҳо пайваст намоянд;

- коршоямии онҳо, бутунии қисмҳои онҳоро назорат ва талаботи санитарии онҳоро риоя намоянд;

- ба ихроҷи ғайримақсадноки об, ҷамъшавии об ва яхбандӣ роҳ надиҳанд;

- обрезҳо ва атрофи обтақсимкунакҳоро дар ҳолати коршоям нигоҳ доранд, дар фасли зимистон яххои дар назди онҳо бавуҷудомадаро тоза намоянд.

122) Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои корношоям шудани шабакаҳо, иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсия ва таҷҳизоти онҳо масъуланд, барои зарари расидашуда аз рӯи нархномаҳои тасдиқгардидаи Корхона, тибқи қонунгузории амалкунанда, масъулияти молиявӣ доранд.

Корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки ба корношоям шудани иншооти системаи обтаъминкунӣ ва канализатсия сабабгор шудаанд ё партовҳои садамавии ифлос ва моводи заҳрдорро ба ин системаҳо партофтаанд, ӯҳдадоранд:

- ҳатман Корхона ва Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии минтақавии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ин амал хабардор намоянд;

- садамаҳо ва оқибати онҳоро бо қувва ва воситаҳои худ таҳти назорати техникии Корхона бартараф намоянд;

- зарари расонидаашонро вобаста ба садама ва оқибати онҳо ҷуброн намоянд;

- ба Корхона маблағи оби нӯшокиро, ки дар натиҷаи садама сарф шудааст, пардохт намоянд.

Ҳаҷми оби сарфшудаи нӯшокӣ мувофиқи бандҳои 74) ва 79) Қоидаҳои мазкур ҳисоб карда мешавад.

123) Шахсоне, ки барои риоя накардани тартиботи муқарраршудаи муҳофизати шабакаҳо, иншоот ва таҷҳизоти обтаъминкунӣ ва канализатсия айбдоранд, мувофиқи қонунгузории амалкунанда ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

124) Барои зарари расонидашуда вобаста ба ихроҷи оби нӯшокӣ ё партовобҳо аз системаҳои обтаъминкунӣ ё канализатсия, ки дар идораи ҳисоби хоҷагии Корхона мебошанд, Корхона тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

Замимаи № 1
ба Қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Меъёри истеъмоли об аз системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия бо дарназардошти шароити гарм ва хушкии иқлим дар маҳалҳо, меъёри истеъмоли об барои эҳтиёҷоти истифодабарӣ мумкин аст 10-20 фоиз кам ё зиёд кардан шавад

| Номгӯи муштариён | Намудҳои истифодабарӣ | Миқдори истеъмол-шаванда | Меъёри истеъмолӣ, бо литр | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| Колонкаҳои обтақсимкунии умумӣ (кӯчагӣ) | 1. Истеъмоли об аз колонкаҳои кӯчагӣ<br>2.Истеъмол аз колонка, ҷумакҳои назҳавлигӣ (биноҳои бисёроилавӣ) | 1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз | 50<br>95 | |
| Биноҳои истиқоматӣ | 1.Бо таҷҳизоти интиқоли оби дохилӣ ва канализатсия (бе ванна).<br>2.Бо таҷҳизоти интиқоли оби дохили ва канализатсия (бо ванна) ва газ.<br>3.Бо таҷҳизоти интиқоли оби дохилӣ ва канализатсия ва газ, аммо бо таҷҳизоти обгармкунӣ бо сӯзишвории сахт.<br>4. Ҳамчунин, бо таҷҳизоти интиқоли обу канализатсия таҷҳизоти обгармкунии зудамали газӣ (барқӣ), ки нуқтаҳои обтаъминкунии зиёде доранд.<br>5. Манзилҳои истиқоматӣ, ки бо таҷҳизоти интиқоли обу канализатсия, ки бо оби гарми аз системаи мутамарказонидашуда таъминанд, бо дастшӯяк, дастгоҳи шустушӯ ва душ таҷҳизонида шудаанд.<br>6. Ҳамчун банди 4, лекин бо ваннаҳои шиштӣ таҷҳизонида шудаанд.<br>7.Ҳамчун банди 4, лекин бо ваннаҳои дарозиашон 1500-1700 мм, ки бо душ таҷҳизонида шудаанд.<br>8. Ҳамчун банди 4, дар ҳолати беш аз 12 қабат зиёд будани бино бо дарназардошти талаботи баланди ободонии онҳо. | 1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафардар 1 шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз<br>1 нафар дар як шабонарӯз | 130<br>150<br>180<br>300<br>270<br>320<br>360<br>480 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Биноҳои маъмурӣ | 1. Истеъмоли об аз ҷумакҳои истифодаи умум барои як нафар корманд.<br>2. Ҳамчунин, бо таҷҳизоти интиқоли об ва канализатсия барои як корманд.<br>3. Барои тоза кардан ва шустушӯи даруни бино | дар 1 шабона-рӯз<br>дар 1 шабона-рӯз<br>Ба100м² дар як шабонарӯз | 12<br>30<br>80 | |
| Мактабҳо | 1. Истеъмоли об аз ҷумакҳои ҳавлигӣ барои 1 хонанда ва 1 омӯзгор.<br>2. Бо таҷҳизоти интиқоли об(дохилӣ) ва канализатсия барои 1 хонанда ва 1 омӯзгор.<br>3. Мактаб-интернатҳо ва хонаҳои бепарасторон, бо таҷҳизоти интиқоли оби дохилӣ ва канализатсия.<br>4. Лагерҳои мактабӣ бо таҷҳизоти интиқоли об (дохилӣ) ва канализатсия | дар 1 баст<br>дар 1 баст<br>1 нафар дар 1 шабонарӯз<br>1 нафар дар 1 шабонарӯз | 12<br>15<br>100<br>110 | |
| Боғчаҳои кӯдакон ва ясliҳо. | 1. Дар сурати нигоҳдории рӯзонаи кӯдакон<br>2. Дар сурати нигоҳдории шабонарӯзии кӯдакон | 1 нафар дар 1 баст<br>1 нафар дар 1 баст | 33<br>121 | |
| Санаторияҳо, курортҳо, хонаҳои истироҳатӣ | 1 .Бо ваннаҳо дар ҳамаи ҳуҷраҳо<br>2. Бо душҳо дар ҳамаи ҳуҷраҳо | 1 кат дар 1 шабонарӯз<br>1 кат дар 1 шабонарӯз | 320<br>150 | |
| Меҳмонхонаҳо | 1. Бо ваннаҳо ва душҳои умумӣ<br>2. Бо ванна ва душҳо дар ҳуҷраҳо<br>3. Бо ванна ва душҳо дар ҳуҷраҳои алоҳида | 1 кат дар 1 шабонарӯз<br>1 кат дар 1 шабонарӯз<br>1 кат дар 1 шабонарӯз | 120<br>300<br>360 | |
| Ҳаммомҳо | 1. Дар вақти шустушуй бо тағора ва дар таги душ<br>2. Дар кабинаҳои алоҳида бо душ<br>3. Дар кабинаҳои алоҳида бо ванна | 1 нафар<br>1 нафар<br>1 нафар | 180<br>360<br>540 | |
| Коргоҳи либосшуӣ | 1. Либосшӯии дастӣ<br>2. Либосшӯии механиконидашуда | 1кг либоси хушк<br>1 кг либоси хушк | 55<br>10 | |
| Кинотеатрҳо | Барои 1 ҷои тамошобин дар 1 намоиш | 1 ҷой | 5 | |
| Қасрҳои маданият, истироҳатгоҳҳо, клубҳо, театрҳо, сиркҳо | 1.Барои 1 тамошобин дар 1 намоиш<br>2.Барои 1 ҳунарманд | 1 ҷой<br>1 ҳунарманд | 15<br>65 | |
| Суратгирхонаҳо | 1. Дорои таҷҳизоти оби дохилӣ | 1 ҷумак дар 1 соат | 250 | |
| Амбулаторияҳо | 1.Барои 1 нафар бемор | 1 нафар дар 1 баст | 18 | |
| Беморхонаҳо | 1.Бо таъминоти об аз системаи марказонидашуда бо санузлҳо<br>2. Бо таъминоти об аз системаи марказонидашуда бо санузлҳо (беморони касалиҳои сироятӣ) | 1 кат<br>1 кат | 290<br>350 | |
| Лабораторияҳо | 1. Лабораторияи кимиёвӣ дар мактаб ва донишгоҳҳо.<br>2.Лабораторияи кимиёвӣ | 1 таҷҳизот дар 1 баст<br>1 корманд дар | 336 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | дар муассисаҳои истеҳсолӣ ва тиббӣ | 1 баст | 520 | |
| Табобат-гоҳҳои ветеринарӣ (хайвонот) | 1.Барои қабули 1 сар ҳайвони калони шохдор.<br>2.Барои қабули 1 сар ҳайвони хурди шохдор. | 1 сар<br>1 сар | 100<br>60 | |
| Фавворахо | 1. Диаметри хурд 13-25 мм дар 1 соат.<br>2. Диаметри миёна 25-50 мм дар 1 соат.<br>3. Диаметри бузург 50-150 мм дар 1 соат.<br>4. 0бпошак, 1 адад дар 1 соат. | 1 адад<br>1 адад | 10000 25000<br>35000<br>200 | |
| Сартарош-хонаҳо | 1.Барои 1 ҷои кор бо дастшуй (1 баст).<br>2.Барои 1 ҷойи кор бе дастшуй (1 баст). | 1 ҷой<br>1 ҷой | 99<br>25 | |
| Ҳавз ва бассейнҳо барои оббозӣ ва оташнишонӣ | 1.Аз рӯи ҳаҷми онҳо муайян карда мешавад.<br>2. Пур кардани обҳои сарф ва бухоршуда. Бо фоиз аз ҳаҷми умумии об. | $м^3$<br>фоиз дар 1 шабонарӯз | 15 | |
| Ҳоҷатхонаҳои умумӣ бо канализатсия | 1.Ҳолатҳои истифодаи умумӣ. | Дар 1 шабонарӯз аз рӯи иқтидори обгузаронии қубур | | |
| Нуқтаҳои фурӯши оби газнок, мағозаҳо. | 1. Нуқтаҳои фурӯши оби газнок.<br>2.Нуқтаҳои фурӯши нушобаҳо, лимонад, обҳои минералӣ, дар як соат.<br>3.Нуқтаҳои фурӯши маводи хурока ва маҳсулоти саноатӣ, ки таҷҳизоти интиқоли оби дохилӣ надоранд.<br>4. Нуқтаҳои хурди фурӯши маводи хӯрока ва маҳсулоти саноатӣ, ки таҷҳизоти интиқоли оби дохилӣ доранд барои як соат | 1 ҷумаки об<br>1 ҷумаки об<br>1 нафар<br>1 ҷумаки об | 800<br>500<br>20<br>50 | |
| Ошхонаҳо, тарабхонаҳо, чойхона ва нонвойхонаҳо | 1. Ҳангоми пухтани як намуди хӯрок.<br>2.Ҳама намуди хӯрок<br>3.Қаҳвахонаҳо,ошхонаҳо, нонвойхонаҳо, фурӯшгоҳи махсулоти қаннодӣ.<br>4. Ошхона ва буфетҳо Хӯрокворӣ аз дигар ошхонаҳо оварда мешавад. | 1 намуди хӯрок<br>1 ҷумаки об<br>1 ҷумаки об<br>1 намуди хӯрок | 12<br>500<br>25<br>15 | |
| Стадионҳо, иншооти варзишӣ | 1.Барои 1 варзишгар бо дарназардошти истифодабарӣ аз душ | 1 нафар | 50 | |
| Обёрӣ ва обпошӣ | 1 .Обпошии кӯчаҳо, роҳҳо, хиёбонҳо, майдонҳои наздиҳавлигӣ ва варзишӣ дар 1 шабонарӯз (барои 1 маротиба).<br>2.Обпошии варзишгоҳҳо дар 1 шабонарӯз (барои 1 маротиба).<br>3.Обёрии боғҳо, гулзорҳо, полезиҳо, майдончаҳо, парваришхона (гармхона) гулхонаҳо ду маротиба дар як шабонарӯз. | $м^2$<br>$м^2$<br>$м^2$ | 6<br>1.5<br>30 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Гаражҳо ва нуқтаҳои шустушӯи а/мошинаҳо | 1. Шустани мошинаи боркаш дар 1 ш/рӯз<br>2. Шустани мошинаи сабукрав дар 1 ш/рӯз.<br>3. Шустани автобусҳо дар 1 шабонарӯз.<br>4.Шустани мотосикл, мотороллер дар як шабонарӯз. | 1 адад<br>1 адад<br>1 адад<br>1 адад | 100<br>60<br>250<br>25 | |
| Кишоварзӣ (чорво) | 1. Барои ҳайвони шохдор дар 1 шабонарӯз.<br>2. Барои ҳайвони хурди шохдор дар 1 шабонарӯз. | 1 сар<br>1 сар | 120<br>25 | |
| Истеъмоли об аз тарафи кормандон ва хизматчиёни муассисаҳои истеҳсолӣ ва ташкилотҳо | 1.Барои 1 нафар корманд дар 1 баст | 1 нафар | 25 | |

Эзоҳ:

1. Дар корҳои сохтмонӣ, конҳо, заводҳо, комбинатҳои масолеҳи сохтмонӣ, ҷойҳои бетон ва лойтайёркунӣ, истеҳсолоти рангҳо, дар ҳолати аниқ муайян карда нашудани миқдори оби истеъмолшуда, бояд таҷҳизоти баҳисобгирии миқдори об (асбоби обченкунӣ) шинонида шавад, дар сурати набудани он, истеъмоли об аз рӯи ҷадвали иқтидори обгузаронии қубури интиқоли об (ҷои пайвастшавӣ) ҳисоб карда мешавад.

2. Хароҷоти об барои обёрии майдони ниҳолҳову сабзазорҳо аз санаи 1 май то 31 октябр ба ҳисоб гирифта мешавад, ғайр аз ҳолатҳое, ки обёрӣ тамоми сол пешбинӣ шудааст.

3. Меъёри нишондодашудаи истифодаи об барои кормандони ташкилот ва муассисаҳо, душкуниро дар бар намегирад, истифодаи душ алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

4. Дар муассисаҳои хӯроки умумӣ: қаҳвахона, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дӯконҳо ва ғайра, меъёри хароҷоти оби нӯшокӣ барои як намуди хӯрок ҳисоб карда шудааст, шустани зарфҳо ва дигар, эҳтиёҷоти хоҷагиву нӯшокии кормандону хизматчиён ба ҳисоб гирифта нашудааст ва онҳо алоҳида ҳисоб карда мешаванд.

5. Барои буфетҳо, дӯконҳо ва ошхонаҳои дар ҳудуди театр, кинотеатрҳо, шифохонаҳо, кӯдакистонхо ва донишгоҳҳо вокеъбуда, истеъмоли об алоҳида ҳисоб карда мешавад.

6. Меъёри хароҷоти оби нӯшокӣ дар истеҳсолот танҳо барои истеҳсоли маҳсулот ба назар гирифта шудааст. Истеъмоли об барои эҳтиёҷоти хоҷагию нӯшокии кормандон ва душҳо (обпошакҳо) алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

7. Агар манзилҳои истиқоматӣ, намоишгоҳҳо, мактабҳо, донишкадаву донишгоҳҳо, нуқтаҳои савдо, табобатхонаҳо, хонаҳои кӯдакон (боғчаҳо), биноҳои маъмурӣ, нақлиётӣ ва муассисаю ташкилотҳои истеҳсолӣ, ҳоҷатхонаи рӯиҳавлигӣ обрав дошта бошанд, пас истифодаи об барои онҳо алоҳида ҳисоб карда мешавад.

8. Истифодаи об барои душҳо (обпошакҳо) аз 1 май то 31 октябр ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар дар рафти тафтишоти нозирон муайян карда шавад, ки аз мили ҷумакҳои умумӣ ё таҷҳизоти оби рӯиҳавлигӣ, аз сабаби

вайрон будан ё исрофкорона истифода бурдан, чакиши (рехтани) об ҷой дорад, пардохти истеъмоли об барои тамоми давраи ҳисоботӣ пурра ба ҳисоб гирифта мешавад.

Миқдору хусусияти рехтани об аз тарафи нозири Корхона муайян карда мешавад ва дар бораи он дар варақаи хисоботӣ қайд карда мешавад. Дар ҳолатҳои баҳснок хароҷоти аз меъёр зиёди об ҳисобида ва муайян карда мешавад.

9. Ба меъёри истеъмоли оби мағозаҳои хӯрокворӣ, фабрикаҳои қаннодӣ, гастрономҳо, сарфшавии об барои шустани фаршҳо дохил нашудааст.

10. Шароити гарм ва хушкии иқлимро ба назар гирифта, меъёри истеъмоли обро 10 -20 фоиз каму зиёд кардан мумкин мебошад.

Дар ҳолати бо оби гарми мутамарказонидашуда таъмин будан, меъёри об (барои оби гарми истифодашуда) 105 литр кам ҳисобида шуда, вале барои қабули партовобҳо ба канализатсия бе тағйир истифода бурда мешавад.

Меъёрҳои истифодабарии оби нӯшокӣ аз системаи обтаъминкунии коммуналӣ барои як нафар шаҳрванд дар як моҳ, дар хонаҳои шахсӣ дар ҳолати мавҷуд будани:

- души тобистона – 1,8 м3/ барои як нафар, автомашинаи сабукрав – 1,8 м3, об додани дарахтзор ва кабудизорҳо – 360 л /барои як $м^2$.

Меъёрҳои истифодабарӣ аз системаи обтаъминкунӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ:

- об додани дарахтзор, боғҳо, гулзорҳо, полезиҳо, кабудизорҳо - 360 л дар як моҳ барои 1 $м^2$, об додани гулхона ва гармхонаҳо – 60 л/шабонарӯз барои 1 $м^2$.

Барои обёрӣ ва кабудизоркунӣ, дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Корхона аз соати $24^{\underline{00}}$ то $06^{\underline{00}}$ обёриро иҷозат медиҳад, пардохт барои оби истифодашаванда тибқи нархнома сурат мегирад.

Замимаи №2
ба Қоидаҳои истифодабарии системаҳои
коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Ҷ а д в а л и
иқтидори обгузаронии қубур, ҳангоми
суръати ҳаракати об 1,5 м/сония, вобаста ба буриши кундалангӣ

| № р/т | Қутри қубури обгузар | Хароҷот, м³/соат | Хароҷот, м³/шабонарӯз | Хароҷот, м³/дар 9 соат | Хароҷот, м³/дар 22 рӯзи корӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | d- 15мм | 0,94 | 22,5 | 8,46 | 186,12 |
| 2. | d- 20мм | 1,73 | 41,5 | 15,57 | 342,54 |
| 3. | d- 25мм | 2,88 | 69,0 | 25,92 | 570,24 |
| 4. | d- 32мм | 5,18 | 124,3 | 46,62 | 1025,64 |
| 5. | d- 40мм | 6,84 | 164,2 | 61,56 | 1354,32 |
| 6. | d- 50мм | 11,52 | 276,5 | 103,68 | 2280,96 |
| 7. | d- 70мм | 19,10 | 458,4 | 171,9 | 3781,8 |
| 8. | d- 80мм | 27,0 | 648,0 | 243,0 | 5346,0 |
| 9. | d- 100мм | 46,8 | 1123,2 | 421,2 | 9266,4 |
| 10. | d- 125мм | 72,0 | 1728,0 | 648,0 | 14256,0 |
| 11. | d- 150мм | 106,2 | 2549,0 | 955,8 | 21027,6 |
| 12. | d- 200мм | 165,5 | 3972,0 | 1489,5 | 32769,0 |

Замимаи №3
ба Қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Ҷ а д в а л и
## иқтидори обгузаронии қубур, ҳангоми суръати ҳаракати об 2м/сония, вобаста ба буриши кундалангӣ

| № р/т | Қутри қубури обгузар | Хароҷот, $м^3$/соат | Хароҷот, $м^3$/шабонарӯз | Хароҷот, $м^3$/дар 9 соат | Хароҷот, $м^3$/дар 22 рӯзи корӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | d- 15мм | 1,3 | 31,0 | 11,7 | 257,4 |
| 2. | d- 20мм | 2,3 | 55,0 | 20,7 | 456,4 |
| 3. | d- 25мм | 4,0 | 96,0 | 36 | 792 |
| 4. | d- 32мм | 6,8 | 163,0 | 61,2 | 1346,4 |
| 5. | d- 40мм | 9,0 | 216,0 | 81 | 1782 |
| 6. | d- 50мм | 15,5 | 372,0 | 139,5 | 3069 |
| 7. | d- 70мм | 25,0 | 600,0 | 225 | 4950 |
| 8. | d- 80мм | 36,0 | 864,0 | 324 | 7128 |
| 9. | d- 100мм | 61,0 | 1464,0 | 549 | 12078 |
| 10. | d- 150мм | 136,8 | 3283,2 | 1231,2 | 27086,4 |
| 11. | d- 175мм | 162,0 | 3888,0 | 1458 | 32076 |
| 12. | d- 200мм | 248,0 | 5952,0 | 2232 | 49104 |
| 13. | d- 250мм | 381,6 | 9158,4 | 3434,4 | 75556,8 |
| 14. | d- 300мм | 547,2 | 13132,8 | 4924,8 | 108346,6 |
| 15. | d- 350мм | 748,8 | 17971,2 | 6739,2 | 148262,4 |
| 16. | d- 400мм | 964,8 | 23155,2 | 8663,2 | 191030,4 |
| 17. | d- 450мм | 1224,0 | 29376,0 | 14016 | 242352 |
| 18. | d- 500мм | 1512,0 | 36288,0 | 13608 | 299376 |
| 19. | d- 600мм | 2160,0 | 51840,0 | 19440 | 427680 |
| 20. | d- 700мм | 2808,0 | 67392,0 | 25272 | 555984 |
| 21. | d- 800мм | 3672,0 | 881123,0 | 33048 | 727056 |
| 22. | d- 900мм | 4608,0 | 110592,0 | 41472 | 912374 |
| 23. | d- 1000мм | 5688,0 | 136612,0 | 51492 | 1126224 |